**ТАҚРИЗ**

**ба рисолаи илмии Маҳтовбӣ Мирзоева дар мавзуи**
**"Рӯзгор ва осори Ғоиб Сафарзода", Душанбе, 2023, 182 с.**

Эҷодиёти шоири ҷавонмарг Ғоиб Сафарзода, ки ҳамагӣ 32 сол умр дидааст, бори аввал аз ҷониби унвонҷӯ Маҳтовбӣ Мирзоева ба таҳқиқ гирифта шудааст. Ӯ дар рисола аз ҳаёту эҷодиёти шоири зиндаёд муфассал ва бо тамоми меҳру шафқат муносибат карда, як рисолаи хеле хуб ва хонданӣ таълиф кардааст. Рисола зиндагинома ва накди эҷодиёти шоир буда, ҳамаи паҳлуҳои ҳаёту фаъолияти эҷодии Ғоиб Сафарзодаро фаро гирифтааст. Муаллиф дар рисола саҳми муҳаққиқону донишмандонро, ки пас аз марг ба ёдаш китобе таҳия кардаанд, дар равшан шудани фаъолияти эҷодии шоир ва рӯзноманигор ҳиссагузор мебошанд, хеле хуб нишон дода ва таҳқиқ менамояд. Аз ин ҷиҳат рисола сазовор аст, ки ба муҳокимаи умум гузошта шавад.

Рисола аз се боб иборат мебошад. Унвонҷӯ дар боби аввал аз муҳимтарин санаҳои зиндагӣ, иртиботу пайвандии зич доштани шоир бо падидаҳои сиёсию иҷтимоии давр маълумот медиҳад. Ва ҳамчунин аз ду маҷмӯаи ашъор, ки худи шоир таҳия карда ва дигар осори паҳну парешонашро Шоҳҳайдар Ёдгорӣ ба танзим овардааст ва аз ҳамаи маводе, ки дар атрофи эҷодиёти шоир вуҷуд доштанд, ҳатто аз шахсони шинохта ва хешу таборони шоир, ҳамкорони ӯ маълумот ҷамъ оварда, як асари ҷолиби хонданӣ навиштааст. Маҳтовбӣ дар рисолааш кӯшиш кардааст, ки ҳар асар ва ҳамаи он чизе, ки дар умри кӯтоҳ аз шоири ҷавонмарг боқӣ мондааст, ҳамаро дар ин рисолааш фаро гирифта, асари пурмуҳтавое таълиф кардааст. Рисола, дар ҳақиқат, асари ҷолиби хонданӣ шуда, роҳи эҷодии як шоири боистеъдоди ғӯрамаргро бо тамоми фазилатҳои эҷодиаш фаро мегирад. Муаллиф дар навиштани рисола бисёр заҳмат кашида, ҳамаи навиштаҳои дар бораи шоирро низ пайдо намуда, бо хешу таборон ва пайвандонаш дар суҳбат даромада, ашъори шоирро бо дигар шоирони ҳамзамон низ дар муқоиса месанҷад. Вай бобҳои рисоларо гаштаву баргашта аз нав навишт. Ниҳоят, як кореро анҷом додааст, ки шоистаи тақдир буда, онро бо завқ ва ҳаваси тамом мехонед. Рисола акнун ба муҳаққиқону хонандагон зуд писанд меояд, забонаш ҳам равону дилписанд мебошад. Мулоҳизаву навиштаҳои унвонҷӯ аз шираву шарбати

сухан ва андешаҳои илмӣ побарҷост, ҷо-ҷо дар бораи шоири кӯтоҳумр ва эҷодиёташ бадард сухан меронад.

М.Мирзоева ба ҷуз зиндагинома эҷодиёти боқимондаи шоирро аз рӯйи муҳтаво ба қисмҳо ҷудо карда, дар ҳар мавзуъ як паҳлуи эҷодиёти шоирро бо навиштаҳои дигар шоирон Мирзо Турсунзода, Ҳақназар Ғоиб, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулназару Гулрухсор ва дигар шоирон дар муқоиса гузошта, хулоса мебарорад. Аз ин ҷиҳат мавқеи шоирро дар миёни ҳамзамононаш хуб муаррифӣ карда, ӯро дар ҳамон айём бо вуҷуди хеле ҷавон буданаш аз шоирони шинохтаи замони мо медонад. Шоир воқеан дар зинаҳои баркамоли умр расида, ба навиштани асарҳои боз беҳтару мондагоре кӯшиш менамуд., вале умр қатъ гардид. Муҳаққиқ навиштаҳояшро дар замони рукуди шӯравӣ, муборизаву ҷандалаҳояшро дар бораи таъриху суннатҳои миллӣ, Наврӯз ва забони миллӣ, номномаҳо, зиндагонии меҳнаткашон ва дигар масъалаҳои доғи рӯз симояшро ҳамчун шоири мубориз нишон медиҳад. Ин ҷустуҷӯкорӣ, ба хулосаву мулоҳизаҳои хуб омадани Маҳтовбӣ дар бораи шоир ва эҷодиёти ӯ хонандагону пайвандон ва аҳли таҳқиқро шод мегардонад. Муаллифи рисола агар аз аввали фаъолияти худ ба кори илмӣ шуғл меварзид, дар илми нақду адабиётшиносӣ корҳои боз беҳтару арзандатаре иҷро менамуд. Ҷанги шаҳрвандӣ, мутаассифона, пеши роҳи бисёр фаъолиятҳоро гирифт ва намонд, ки ба мақсадҳои боз шоистатаре бирасанд.

Муҳаққиқи рисолаи илмӣ аз фаъолияти тарҷумонӣ, рӯзноманигорӣ, навҷӯӣ ва тозакориҳои шоир ба падару модар, Наврӯзу баҳор, Ватан ва халқи азизаш бафурсат мулоҳиза карда, ташаккулёбии шоир ва ҷойгоҳашро дар миёни адибону рӯзноманигорон возеҳ нишон медиҳад. Шеърҳояшро суннатию нимсуннатӣ ном гирифта, навию тозакориҳояшро дар ашъори асрҳои миёна ва замони муосир таҳқиқ менамояд. Ҳунари шоирӣ ва поэтикаи ашъор (сухан аз вазну қофия, саноеи бадеъӣ, таносуби сухан ва такмаъниҳо, мазмунҳои фалсафию сиёсӣ ва иҷтимоӣ ва ғайра) ба муҳаққиқони навдаст душвориҳо ба бор оварад ҳам, Маҳтовбӣ кӯшидааст, ки ин ҷиҳати таҳқиқро хеле хуб ба сомон расондааст.

Дар охир бояд гӯям, ки Маҳтовбӣ Мирзоева ҳамчун устоди Донишгоҳ ба вазифаҳои масъули раҳбарӣ фаъолият дошта, дар кори илмӣ ҳам ин масъулиятро хеле хуб бар дӯш дорад. Ӯ дар навиштани рисолаи илмии

“Рӯзгор ва осори Ғоиб Сафарзода” саҳми арзанда дорад. Акнун зарурат аст,, ки рисоларо ба дифоъ ва ба муҳокимаи умум  пешниҳод намоем.

**Раҳбари илмии мавзуъ** **Раҳмонов Шоҳзамон Абдуқодирович,**
**доктори илмҳои филологӣ, профессор.**

Имзои Раҳмонов Ш. А.-ро тасдиқ мекунам:

Мудири шуъбаи кадрҳои Институти
забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ Нарзиқулова Ҳ.

25.01.2023